Замимаи 3

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31»майи соли 2012, №291
тасдиқ карда шудааст

Тартиби
гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Барӯйхатгирии кишоварзӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ, ҳам дар маҳалҳои деҳот ва ҳам шаҳрӣ гузаронида шуда, ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла хоҷагиҳои ёрирасони аҳолиро, новобаста аз андозаи онҳо, фаро мегирад.

2. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дорои ҳайати махсус ва объектҳои пӯшида, ки барои таъминоти эҳтиёҷоташон маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекунанд, тибқи тартиб ва мӯҳлати муқарарнамудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзиро дар хоҷагиҳои ёрирасони худ таъмин менамоянд.

3. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бехатарии шахсоне, ки барӯйхатгирии кишоварзиро мегузаронанд, ҳамчунин ҳифзи варақаҳои барӯйхатгирӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари барӯйхатгириро таъмин менамояд.

4. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ҷиҳати ба тартиб даровардани номи кӯчаҳо, рақамгузории хонаҳои истиқоматӣ ва манзилҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ кӯмак расонида, иҷрои онҳоро зери назорат мегирад.

5. Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии методиро оид ба тайёр намудани маводи нақшаю харитасозӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ намуда, дар асоси дархости онҳо шумораи зарурии нақшаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, ноҳияҳо, деҳаҳои калонро барои гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ нусхабардорӣ менамоянд.

6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии миллии иттилоотии «Ховар» ба инъикоси ҷараёни омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ дар воситаҳои ахбори омма мусоидат менамоянд.

7. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр», Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Сомон Эйр» қабули мунтазам ва ба масъулон расонидани борҳоеро, ки барои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ фиристонида мешаванд, таъмин менамоянд.

8. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар навбати аввал ба масъулон расонидани бастаю амонатҳое, ки ба барӯйхатгирии кишоварзӣ алоқаманданд, таъмин менамояд;

- дар давраи соли 2013 гуфтугӯҳои телефонии байнишаҳриро вобаста ба омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ва таҳияи маводи ҷамъбастии онро ба гурӯҳи гуфтугӯҳои рамзӣ мансуб дониста, аз рӯи тарифи оддӣ ҳисоб мекунад.

9. Бақайдгирии маълумот дар варақаҳои барӯйхатгирӣ бо тариқи зайл сурат мегирад:

- барои хоҷагиҳои аҳолӣ, ширкатҳои боғдорӣ (қитъаҳои замин барои бӯстонсарой) ҳисобчӣ аз рӯи ҷавоби сардори хонавода ва ё яке аз аъзои калонсоли хонавода, пур мекунад;

- барои воҳидҳои барӯйхатгирӣ, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ доранд ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва коллективӣ бо роҳбарии бевоситаи шахси масъули барӯйхатгирии кишоварзӣ дар шаҳр (ноҳия), ки тақсимот, санҷиш, пуркунӣ ва ҷамъоварии варақаҳои барӯйхатгириро таъмин менамояд, бо роҳи худпуркунии саволномаҳо ба роҳ монда мешавад;

- барои корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дорои ҳайати махсус ва объектҳои пӯшида, бо роҳи пуркунии мустақилонаи варақаҳои барӯйхатгирӣ аз ҷониби шахси масъули ин корхона, ташкилот зери роҳбарии бевоситаи шахси масъули барӯйхатгирии кишоварзӣ дар шахр (ноҳия), ки тақсимот, санҷиш, пуркунӣ ва ҷамъоварии варақаҳои барӯйхатгириро таъмин менамояд, ба роҳ монда мешавад.

10. Меъёри миёнаи сарборӣ барои кормандони муваққатие, ки барои гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ҷалб карда мешаванд, ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад:

- барои дастурдиҳанда – назоратчӣ – 6 қитъаи барӯйхатгирӣ;

- барои ҳисобчиён дар маҳалли деҳот ва шаҳр (сартосарӣ -қитъаи замин аз 0,10 гектар зиёд) – 450 воҳид;

- барои ҳисобчиёни ширкатҳои боғдорӣ ва ҳисобчиёни маҳалҳои шаҳрӣ (интихобӣ - қитъаи замин камтар аз 0,10 гектар) – 500 воҳид;

- барои тартиб додани рӯйхати воҳидҳои барӯйхатгирии кишоварзӣ – 1300-1350 воҳид, барои ассотсиатсияи ширкатҳои боғдорӣ – 2500 воҳид;

- барои сардори шӯъбаи барӯйхатгирӣ 4 қитъаи дастурдиҳӣ;

- барои коркарди автоматии маълумотҳои барӯйхатгирии 3000 воҳиди барӯйхатгирӣ - 1 нафар корманд.

11. Шахсоне, ки ба омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ҷалб карда мешаванд, аз кори асосиашон дар корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо ба мӯҳлатҳои зерин озод карда мешаванд:

- бақайдгирандагон барои тартиб додани рӯйхати хонаводаҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳаҳои калон – 20 рӯз;

- ҳисобчиён – 40 рӯз;

- дастурдиҳандагон – назоратчиён – 60 рӯз;

- сардорони шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ – 90 рӯз;

- кормандоне, ки барои коркарди маводи барӯйхатгирӣ ҷалб карда мешаванд – 4 моҳ.

Мӯҳлати тақвимиеро, ки дар он давра кормандон ба омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзии санҷишӣ ҷалб карда мешаванд, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) муқаррар менамояд.

12. Музди меҳнати моҳонаи ҳисобчиён ва бақайдгирандагон, ки муваққатан барои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ҷалб карда мешаванд, аз рӯи музди миёнаи моҳонаи меҳнат дар соҳаҳои иқтисодӣ як сол пеш аз баргузории барӯйхатгирӣ бо дарназардошти рӯзҳои тақвимии корӣ дар тамоми давраи ҷалбгардида муқаррар карда мешавад. Бо дарназардошти сарборӣ, музди меҳнати дастурдиҳандагон – назоратчиён ва кормандони муваққатии коркарди маълумот ба андозаи 30 фоиз ва музди меҳнати сардорони шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ ба андозаи 80 фоиз зиёдтар аз музди меҳнати ҳисобчиён ва бақайдгирандагон муқаррар карда мешавад.

13. Музди миёнаи меҳнати кормандоне, ки муваққатан ба омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ҷалб карда мешаванд (аз ҷумла мукофотпулиҳое, ки ба фонди музди меҳнат ва фонди ҳавасмандгардонии моддӣ дохил мешаванд), дар ҷои кори асосиашон нигоҳ дошта мешавад.